ПРОТОКОЛИ № 12
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-087-и
назди Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев

аз 4 ноябри соли 2026 ш. Хоруғ

Иштирок доштанд:
аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар

Раиси шуро: Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ барои гузаронидани ҳимояи якдафъаина, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми январи соли 2025, № 50/шд тасдиқ шудааст, 9 нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест.

Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи **Фарҳодова Сарвбону Алидодовна** дар мавзуи **"Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)"** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Шокириён Туғрал Сироҷзода оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи "Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)" андешаронӣ намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи эспертиро оид ба диссертатсияи Фарҳодова Сарвбону Алидодовна дар мавзуи "Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ кард.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи **Фарҳодова Сарвбону Алидодовна** дар мавзуи **“Лексикаи чорводорӣ дар лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ (дар асоси гӯйишҳои водии Ғорон)”** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.1. Забони тоҷикӣ ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

– **Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва фарҳанги муошрати Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

– **Бунёдзода Сомон Хушқадам** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанги Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи Садриддин Айнӣ таъйин карда шавад;

4. Барои ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 11.12.2026, соати 14:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор М.М. Аламшоев

РАЁСАТИ КАДРҲО, ХИЗМАТ ВА КОРҲОИ МАХСУС

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҷ.С. Беҳроншо